«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
________________
«12» 05 соли 2025

## ХУЛОСАИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «**Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади **илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Давлатов Ифтихор Асрорович** соли 2012 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси лингвистика (ҳуҷҷатнигорӣ) хатм карда, солҳои 2013-2015 аспиранти шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон будааст. Ҳамзамон, дар мактаби миёнаи таҳсилоти асосии №80-и ноҳияи Сино солҳои 2013 то 2015 ҳамчун ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2015 то соли 2021 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда, аз соли 2021 то ҳоло дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) ҳамчун омӯзгор фаъолият менамояд.

Роҳбари илмии **Давлатов Ифтихор Асрорович** номзади илми филология, дотсент **Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01.03.2013, қарори №5 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант **Давлатов Ифтихор Асрорович** 07-уми майи соли 2025, №38 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ яке аз бахшҳои муҳим ва рӯзмарраи истилоҳоти забони тоҷикиро ташкил намуда, дар забони тоҷикӣ зиёд ба мушоҳида мерасанд ва корбасти фаровон доранд. Онҳо вобаста ба вазъ ва ҳаёти сиёсии мардуми тоҷик дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ пайдо шуда, сохтор ва мансубияти забонии гуногун доранд. Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, бар хилофи вожаю истилоҳоти соҳаҳои дигар, бо дигар шудани сохтори сиёсию идорӣ ба таҳаввулоти муайян дучор шуда, вожаю истилоҳоти нав ба вуҷуд меоянд.

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва пайдоиши онҳо дар забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, ҳуҷҷатҳои ёфтшуда аз кӯҳи Муғ, осори боқимондаи замони Сосониён ва истифодаи онҳо дар сатҳҳои гуногуни давлатдории гузашта далели қатъӣ барои ин гуфтаҳо мебошанд. Таҳаввулоти авзои сиёсӣ ва истилои Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо ба ташаккули таркиби луғавӣ ва истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бетаъсир намонда, батадриҷ сабаби аз ҳисоби калимаҳои иқтибосии арабӣ ташаккул ёфтани низоми истилоҳоти мазкур гардид.

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ аксаран бо роҳҳои гуногуни калимасозӣ сохта шуда бошанд ҳам, калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ташаккули миқдорию сифатии ин гурӯҳ истилоҳот нақши муҳим доранд. Дар баробари ин, як миқдори на он қадар зиёди истилоҳоти маъмурию коргузориро дар забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ ва аҳёнан туркию муғулӣ ташкил намуда, ҳам

аз ҳисоби иқтибосоти арабӣ ва ҳам аз сарчашмаҳои дохилӣ, хусусан аз ҳисоби калимасозӣ тамоюли зиёдшавӣ доранд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқшаванда пайвасти ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши масъалаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик, забоншиносии умумӣ, луғатшиносӣ, фарҳангнигорӣ, таҳияи луғату фарҳангномаҳои сиёсӣ, ҳуқуқию маъмурӣ, истилоҳшиносӣ ва услубиёти забон **метавон такя кард**.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикиро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

–таҳқиқи масъалаҳои назарии истилоҳот;

–муқаррар намудани таърихи ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ;

–таҳлили семантикии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар заминаи таҳлили маводи фарҳангҳои тафсирию дузабона, манти санадҳо, адабиёти бадеиву илмӣ ва матбуоти даврӣ;

–таъин намудани сохтор ва шаклҳои грамматикии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ;

–нишон додани самти назарӣ ва амалии ташаккулу такомули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** фарҳангу луғатҳои тафсирӣ, фарҳангу луғатҳои тафсирию дузабонаи муосир, адабиёти бадеӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, матни кодексҳо ва матбуоти даврӣ истифода шудааст. Асоси чунин интихоб дар он ифода ёфтааст, ки вожаву истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ собиқаи зиёди таърихӣ дорад ва дар ҳар як марҳилаи тараққиёти забон таҳаввулу инкишоф ёфта, таркиби луғавии забонро ғанӣ мегардонад.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Д.С. Лотте, В. П. Даниленко, В.А. Лившитс, Л.С. Пейсиков, Л.П. Смирнова, Н.М. Локтионова, Н.П. Кириленко, ҳамчунин, ба таҳқиқоти забоншиносони тоҷик С. Назарзода, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, М.Ҳ.Султон, Т.Қ. Ҷӯраев, П. Нуров, А. Байзоев, Ш.Қ. Тураҳасанов ва дигарон дар бар гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки диссертатсияи мавриди назар нахустин пажуҳиши илмиест, ки ба омӯзиш ва баррасии мукаммали хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва морфологии вожаву истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст. Он кӯшиши аввалинест барои таҳлилу баррасӣ ва маънидод кардани унсурҳои луғавие, ки дар соҳаи маъмурию коргузорӣ истифода мегарданд ва мавриди таҳқиқи хосса қарор гирифтааст.

Диссертатсияи номзадии **Давлатов Ифтихор Асрорович** аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он ифода ёфтааст, ки натиҷаҳои он ҳамчун замина барои таҳқиқу омӯзиши амиқтари мушкилоти истилоҳоти забони адабии тоҷикӣ хизмат карда метавонанд. Махсусан, истилоҳоти маъмурию коргузорӣ аз ҷиҳати маъно ва сохти морфологӣ мавриди баррасии комил қарор гирифтаанд, ки дар шинохт ва муайян намудани ин навъи истилоҳот мусоидат менамояд.

Тавсияҳои амалии таҳқикро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои фанҳои мухталифи забони адабии муосири тоҷикӣ барои факултети филология ва рӯзноманигории мактабҳои олӣ; ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус, корҳои амалӣ ва лабораторӣ аз фанҳои услубшиносӣ, лексикология, лексикография; таълифи корҳои дипломӣ аз фанҳои услубшиносӣ, лексикология; омодасозии курсҳои амалӣ барои коргузорони идораву муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳо истифода бурд. Умуман, маводи диссертатсия метавонад ба донишҷӯёни ихтисосҳои ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини ҳуҷҷатии идории факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ, коргузорони идораву муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳо ёрии бевоситаи амалӣ расонад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолаҳо, анҷом додани корҳои илмию таҳқиқоти илмӣ, таҳия ва омода намудани дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ дар доираи истилоҳшиносӣ, котиботу коргузорӣ ва дигар масъалаҳои ба забоншиносӣ марбут метавон **мавриди истифода қарор дод.**

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Давлатов Ифтихор дар 13 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқат мекунанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Давлатов, И. А. Назаре ба таърихи сарнавишти баъзе истилоҳоти забони тоҷикӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/10. – С. 129-132.

[2-М]. Давлатов, И. А. Истилоҳоти маъмурӣ-коргузорӣ ва нақши он дар низоми истилоҳоти забони тоҷикӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/2. – С. 19-21.

[3-М]. Давлатов, И. А. Нақши пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти маъмурию коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 72-77.

[4-М]. Давлатов, И. А. Хусусиятҳои маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 75-81.

[5-М]. Давлатов, И. А. Ҷанбаҳои маъноии истилоҳоти маъмулии иқтибосӣ дар матни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2023. – №2 [50]. – С. 40-45.

[6-М]. Давлатов, И. А. Корбурди муродифот дар истилоҳоти маъмурию коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 108-115.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Давлатов, И. А., Абдураҳмонова, М. Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи истилоҳоти маъмурӣ-коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов, М. Абдураҳмонова // Масъалаи вожагузинӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ-форсӣ. Маводи конференсияи байналмилалӣ (Душанбе, 27.07.2015). – Душанбе, 2016. – С. 68-74.

[8-М]. Давлатов, И. А. Мухтасари хусусияти маънoии истилоҳоти маъмулию маъмурии туркӣ ва туркӣ-муғулӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ўзбекистон: ҳолат ва дурнамо» (Душанбе: ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 30.11.2021 – 01.12.2021). – Душанбе, 2021. – С. 124-129.

[9-М]. Давлатов, И. А. Мавқеи пешвандҳо дар ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» (Душанбе: ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 11.04.2022 – 16.04.2022). – Душанбе, 2022. – С. 14-17.

[10-М]. Давлатов, И. А. Шарҳи маънoии истилоҳоти бахши маъмуриву коргузорӣ дар забони адабии тоҷик [Матн] / И. А. Давлатов // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Самтҳои афзалиятноки пажуҳиши гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 22.04.2024 – 27.04.2024). – Душанбе, 2024. – С. 6-12.

[11-М]. Давлатов, И. А. Нишонаҳои савтии истилоҳоти иқтибосии маъмурию коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 05.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 142-147.

[12-М]. Давлатов, И. А. Мавқеи истилоҳоти иқтибосӣ дар низоми коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Маҷмуаи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони ««Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 27-28.11.2024). – Душанбе, 2024. – С. 558-567.

[13-М]. Давлатов, И. А. Истилоҳоти содаву сохтаи маъмурию коргузорӣ ва дараҷаи корбурди он дар низоми коргузорӣ [Матн] / И. А. Давлатов // Маҷмуаи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳаммияти омӯзиши , забонҳои романӣ-германӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 21.02.2025). – Душанбе, 2025. – С. 285-298.

Арзишҳои илмию забоншиносӣ ва таҳқиқи дигар вижагиҳои истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ барои рушди илми забоншиносӣ ва истилоҳшиносӣ боз ҳам хубтар мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни анҷом додани таҳқиқот дар самтҳои дигар, аз ҷумла фаъолияти идорию маъмурӣ, коргузорӣ, ҳуқуқ, таҳияи фарҳанги коргузорӣ, интихоби номи унвону санадҳо ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дир диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодгардида ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварию баррасии маводи зиёди илмию таҳқиқӣ доир ба истилоҳот, таърихи инкишофу вазъи имрӯзии онҳо дар забони тоҷикӣ, вижагиҳои забонии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, дар ин замина бо далелҳои фаровон баррасиву мушаххас намудан ва таҳқиқ кардани онҳо дар забони тоҷикӣ ифода меёбад.

Кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Давлатов Ифтихор Асроровичро** дар мавзуи **«Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Дар ин

замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси **10.02.01 – Забони тоҷикӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забони адабии муосири тоҷикӣ, таърихи забон ва типология, усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология ва кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 11, аз 08.05.2025.

**Номзади илмҳои филологӣ, мул.калон,**
**и.в., мудири кафедраи забони**
**адабии муосири тоҷикӣ** **Ҳасанов М.М.**

**Котиби илмӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, ассистент** **Холова М.Б.**

**Имзоҳои М. Ҳасанов ва М. Холоваро**
**тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**08 майи соли 2025**